***ТДУ 32.6***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-123-128***

***УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ - САРЧАШМАИ АСОСИИ РАВАНДИ МАЪРИФАТӢ***

***Бобоҷонова Нигина Қурбоновна,*** *муаллими кафедраи системаҳои бисёршабакавии телекоммуникатсионии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИНТЕРАКТИВНЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ – ОСНОВНОЙ ИСТОЧНИК ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА***

***Бободжонова Нигина Курбоновна,*** *преподаватель кафедры многосетевых систем телекоммуникации ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

***INTERACTIVE TEACHING METHODS – THE MAIN SOURCE OF THE EDUCATIONAL PROCESS***

***Bobojonova Nigina Kurbonovna,*** *Applicant of the Department of multi-Network Telecommunication Systems, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail***: *.......@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *таълими интерактивӣ, фаъолияти маърифатӣ, усулҳои интерактивӣ, фаъолияти омӯзгор, фаъолияти хонандагон, муносибатҳои байни омӯзгорон ва хонандагон, воситаҳои аёнӣ, раванди таълим*

*Мақола роҷеъ ба муаммоҳои мубрами имрӯзаи такмили назария ва амалияи интихоби усулҳои таълим, фаъолсозии хонандагон ва ташвиқи онҳо ба тафаккури фаъол ва фаъолияти амалӣ бахшида шудааст. Муаллиф диққати асосиро ба истифодаи усулҳои фаъоли муштараки омӯзгор ва хонандагон, ки ба ҳалли масъалаҳои таълим, яъне вазифаҳои дидактикӣ нигаронида шудаанд, равона менамояд. Дар мақола асоси якҷоя мавриди истифода қарор додани методҳои назариявӣ ва амалии педагогӣ ба анҷом расонида шудааст. Мақолаи мазкур дорои характери байнифаннӣ мебошад, зеро муаммои тадқиқшаванда ва тарзи ҳалли он дар пайвастагии илмҳои педагогика, равоншиносӣ ва иҷтимоиёт ба анҷом расонида шудааст. Мақола масъалаи аз техника ва усулҳои нави гузаронидани дарс бештар истифода намудани омӯзгорон дар мактабҳои муосирро шарҳ медиҳад. Аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои усулҳои фароҳам овардани фазои мусоид, ташкили муошират, усулҳои мубодилаи фаъолият, усулҳои фаъолияти фикрӣ, усулҳои интегративӣ (бозиҳои интерактивӣ) муайян карда шуданд. Диққати бештар нисбати омӯзиши интерактивӣ дар муассисаи таълимӣ ба ҷалби хонандагон ба раванди таълим мусоидат намудан, тавассути мубодилаи дониш, афкор ва усулҳои фаъолият дарк ва андешаи хонандагон дар бораи он чизеро, ки медонанд ва фикр мекунанд, дода шудааст. Дар хотимаи мақола аз методу намудҳои маводи дидактикӣ истифода намудан, фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккули додан, мақоми ҳалкунанда бозидани хислатҳои рафтор дар ҷомеа тавассути азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ шарҳ дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *интерактивное обучение, познавательная деятельность, интерактивные методы, деятельность учителя, деятельность учащихся, отношения учителя и учащихся, наглядные пособия, учебный процесс.*

*Статья посвящена актуальным на сегодняшний день проблемам совершенствования теории и практики выбора методов обучения, активизации учащихся и мотивации их к активному мышлению и практической деятельности. Автор акцентирует внимание на использовании активных совместных методов учителя и учащихся, которые направлены на решение учебных задач, то есть дидактических задач. В статье раскрыты основы совместного использования теоретических и практических педагогических методов. Данная статья носит междисциплинарный характер, поскольку исследуемая проблема и пути ее решения уже изучены в педагогике, психологии и социологии. Освещен вопрос использования учителями новых приемов и методов обучения в современной школе. Определены понятия о методах создания благоприятной среды, организации общения, методах совместной деятельности, методах интеллектуальной деятельности, интегративных методах (интерактивные игры). Больше внимания уделяется интерактивному обучению в образовательном учреждении, которое способствует вовлечению учащихся в учебный процесс, посредством обмена знаниями, мнениями и способами деятельности. В заключение поясняется использование методов и видов дидактического материала, развитие познавательной активности учащихся, определяющее значение характеристик поведения в обществе посредством усвоения социального опыта.*

***Key words:*** *interactive learning, cognitive activity, interactive methods, teacher activity, student activity, teacher-student relationship, visual aids, educational process.*

*The article dwells on the current problems of improving the theory and practice of choosing teaching methods, activating students and encouraging them to actively think and practice. The author focuses on the use of active joint methods of teacher and students, which are aimed at solving educational problems, that is, didactic tasks.The article reveals the basics of the joint use of theoretical and practical pedagogical methods. This article is interdisciplinary in nature, since the problem under study and ways to solve it are completed in connection with the sciences of pedagogy, psychology and sociology. The article highlights the issue of teachers using new techniques and teaching methods in a modern school. The author defined concepts about methods of creating a favorable environment, organizing communication, methods of joint activities, methods of intellectual activity, integrative methods (interactive games).More emphasis is being placed on interactive learning in educational settings to help engage students in the learning process through the exchange of knowledge, opinions and ways of doing things, students' understanding and opinions about what they know and think.At the end of the article, the use of methods and types of didactic material, the development of cognitive activity of students, which determines the significance of the characteristics of behavior in society through the assimilation of social experience, is explained.*

Таълими интерактивӣ, пеш аз ҳама, таълими муколамавӣ аст, ки дар ҷараёни он робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонанда сурат мегирад. Моҳияти таълими интерактивӣ дар он аст, ки ҷараёни таълим тавре ба роҳ монда шудааст, ки қариб ҳамаи хонандагон дар раванди маърифатӣ ҷалб карда шуда, онҳо имконият пайдо мекунанд, ки он чиро, ки медонанд ва фикр мекунанд, дарк ва дар бораи он андеша намоянд.

Фаъолияти муштараки хонандагон дар раванди шинохту азхудкунии маводи таълимӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шахс саҳми махсуси фардии худро дар мубодилаи дониш, афкор ва усулҳои фаъолияте, ки ба амал меояд мегузорад. Ғайр аз ин, ин дар фазои некхоҳӣ ва дастгирии ҳамдигар ба амал меояд, ки на танҳо ба гирифтани донишҳои нав имкон медиҳад, балки худи фаъолияти маърифатиро инкишоф дода, онро ба шаклҳои олии ҳамкорӣ мегузаронад.Хусусияти характернок ва муҳими шаклҳои интерактивӣ - сатҳи баланди фаъолияти мутақобилан равонашудаи субъектҳои таъсири мутақобила, ягонагии эмотсионалӣ, маънавии иштирокчиён мебошад. Аксар вақт мафҳуми "омӯзиши интерактивӣ" дар робита ба технологияҳои иттилоотӣ, таълими фосилавӣ, истифодаи захираҳои интернетӣ, инчунин китобҳои дарсӣ ва маълумотномаҳои электронӣ, кори онлайн ва ғайра зикр мешавад.

Барномаҳои таълимии компютерӣ бо ёрии воситаҳо ва дастгоҳҳои интерактивӣ робитаи мутақобилаи пайвастаи байни истифодабаранда ва компютерро таъмин намуда, ба хонандагон имкон медиҳад, ки пешрафти таълимро назорат ва суръати азхудкунии маводро танзим кунанд, ба марҳилаҳои қаблӣ баргарданд ва ғайра. Хусусиятҳои ин муошират инҳоянд:

- фаъолияти якҷоя дар доираи масъалаи ҳалшаванда, яъне дохил шудан ба фазои ягонаи эҷодӣ;
- пайвастагӣ дар интихоби воситаҳо ва усулҳои амалисозии ҳалли муаммо;
- воридшавии якҷоя ба ҳолати эмотсионалии наздик, ҳисси эҳсосоти ҳамсадо, ки ҳангоми қабул ва татбиқи ҳалли муаммо ҳамроҳӣ мекунанд.

Ҳангоми истифодаи усулҳои интерактивӣ хонанда иштирокчии комили раванди идрок мегардад, таҷрибаи ӯ ҳамчун манбаи асосии донишҳои таълимӣ хизмат мекунад. Муаллим дониши тайёр намедиҳад, балки талабагонро ба ҷустуҷӯи мустақилона даъват менамояд. Дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии гузаронидани дарсҳо дар таълими интерактивӣ ҳамкории омӯзгор ва талаба тағйир меёбад: фаъолияти омӯзгор ҷои худро ба фаъолияти хонандагон медиҳад ва вазифаи муаллим ин барои ташаббуси онҳо шароит фароҳам овардан мебошад.

Ба гуфтаи И.П.Подласий, ҳадафи истифодаи усулҳои интерактивии таълим "ғанӣ ва васеъ намудани таҷрибаи бевоситаи эҳсосии кӯдакон, инкишоф додани мушоҳида, омӯзиши хосиятҳои хоси объектҳо, фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба тафаккури абстрактӣ, дастгирии омӯзиши мустақилона ва ба низом даровардани он чизест, ки омӯхта мешавад" [15,с.109].

Афзоиши таваҷҷуҳи омӯзгорон ба истифодаи усулҳои интерактивӣ дар раванди таълим ба як қатор равандҳои умумии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба дарёфти шаклҳои нави ташкили иҷтимоӣ ва фарҳангии муносибатҳои байни омӯзгорон ва хонандагон нигаронида шудаанд, бевосита алоқаманд аст. Рост аст, ки мегӯянд: "Дар ҷаҳон чӣ қадар омӯзгор бошад, ҳамон қадар усулҳои тадрис аст". Шояд барои ҳамин аст, ки ҳар як муаллиме дар саҳифаҳои матбуот роҷеъ ба таҷрибаи кораш чанд сатре бинависад, қабл аз ҳама таъкид мекунад, ки аз тарзу усулҳои нав

истифода мебарад. Ин хуб аст ва шодем, ки баъзе омӯзгорон ба корашон эҷодкорона муносибат менамоянд ва дар талоши онанд, ки ҷараёни дарсашон шавқовару пурмазмун гузарад.

Аз тарафи омӯзгорон истифода бурдани методҳои интерактивӣ дар раванди дарс - яке аз муҳимтарин принсипҳои дидактика ба шумор меравад. Маҷмуи интерактивии таълимию методӣ бояд мукаммалӣ ва муттасилии давраи дидактикиро таъмин намояд: ба хонандагон маводи назариявӣ пешниҳод намояд, фаъолияти фаъоли таълимиро таъмин кунад, вазифаҳои инфиродии таълимӣ созад, зина ба зина аз болои амали хонандагон, амалисозии фикру мулоҳизаҳо, баҳо додан назорат намояд ва ғайра.

Раванди омӯзиш ба истифодаи усулҳои интерактивии таълим асос ёфтааст. Бо фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истифодаи оқилонаи методологии онҳо сифат ва самаранокии таълимро дар маҷмуъ беҳтар мекунад. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, воситаҳои таълимӣ ба яке аз ҷузъҳои асосии раванди таълиму тарбия дар ҳама зинаҳои таълим табдил меёбанд. Имрӯзҳо бисёр навгониҳои методӣ ва педагогӣ бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим алоқаманданд, аз ин рӯ, яке аз самтҳоиояндадори такмили ташкили раванди таълим татбиқ ва истифодаи фаъолонаи онҳо мебошад.[3,105]

Самаранокии таҷҳизоти интерактивӣ бо шароитҳои моддию техникӣ ва имконияtҳои муассисаи таълимӣ, мутобиқат ба ҳадафу вазифаҳои мушаххаси таълимӣ, шаклу усулҳои ташкили фаъолияти таълимӣ, хусусияти маводи таълимӣ муайян карда мешавад. Истифодаи таҷҳизоти интерактивӣ дар раванди таълим ба ноил шудан ба сифати таълим мусоидат мекунад ва воситаҳои техникӣ бо мундариҷаи интерактивии барои онҳо мавҷудбуда низ зич алоқаманд аст.

Методҳои интерактивӣ ба принсипҳои ҳамкорӣ ва фаъолнокии хонандагон асос ёфтаанд.

Дар ҳалли муаммоҳои таълимиву тарбиявӣ муаллим метавонад аз шаклҳои интерактивии зерин истифода барад:

- мизҳои мудаввар (баҳсу мунозира, суҳбат);
- ҳуҷуми зеҳнӣ;
- бозиҳои корӣ ва нақшбозӣ;
- муаммогузорӣ (таҳлили ҳолатҳо ва вазъиятҳои гуногун);
- дарсҳои ташаккули маҳорат [3,с.108].

Мизи мудаввар - яке аз шаклҳои ташкилии фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад ва он имкони пурра гардонидани донишҳо, маълумотҳо, ташаккули маҳорат ва малакаҳои ҳалли муаммоҳоро медиҳад.

Мубоҳиса (аз лотинӣ discio - таҳқиқ, баррасӣ) муҳокимаи ҳамаҷонибаи масъалаи баҳснок аст. Ба ибораи дигар, мубоҳиса аз муҳокимаи дастаҷамъонаи ҳама гуна масъала, мушкилот ё муқоисаи иттилоот, андешаҳо, фикру ақидаҳо, пешниҳодҳо иборат аст. Ҳадафҳои муҳокима метавонанд хеле гуногун бошанд: таълим, омӯзиш, ташхис, тағйирот, тағйир додани муносибат ва ғайра.

Асоси “мизи мудаввар”-ро дар шакли мубоҳиса баёни озод ва мубодилаи афкор оид ба маводи пешниҳодшуда ташкил медиҳад. Тартиби мубоҳиса ба арзёбии шахсӣ ё зуҳуроти эҳсосотӣ имкон намедиҳад. Дар рафти мубоҳиса мавзуъ муҳокима мешавад, на муносибати иштирокчиёни алоҳида ба он.

Методи ҳуҷуми зеҳнӣ - ҳалли масъалаест, ки барои ҳавасманд намудани хонандагон ба фаъолияти эҷодӣ асос ёфтааст, ки дар он аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ҳарчи бештари ҳалли дурусти муамморо баён кунанд. Баъди он аз шумораи умумии фикру ақидаҳои беҳтарини баёнкардашуда интихоб карда мешаванд, ки дар амал онҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Дар бозии нақшбозӣ аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки як сюжети муайянро ба саҳна гузоранд. Дар ин ҳолат, агар вазифа инро талаб кунад, ба саҳнасозӣ бо ворид кардани тағйироти муайян иҷозат дода мешавад. Муаллим нақшҳоро тақсим мекунад, иштирокчиён мувофиқи вазъияти пешниҳодшуда амал мекунанд.

Шартҳои ҳатмӣ барои ташкили таълими интерактивӣ:

- муносибати байни муаллим ва хонандагон;
- методи намоишдиҳӣ;
- бароҳмонии кори якҷояи омӯзгор ва хонандагон;
- истифода аз таҷрибаи шахсии хонандагон, овардани мисолҳо, масъалаҳо, тасвирҳо дар ҷараёни дарс;
- пешниҳоди шаклҳо ва усулҳои муошират, фаъолнокии хонандагон ва ғайра [2,с.178].

Ҳамин тавр, методҳои таълим - усулҳои фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонандагон мебошанд, ки ба ҳалли масъалаҳои таълим, яъне вазифаҳои дидактикӣ нигаронида шудаанд. Методҳои таълим фаъолияти омӯзгор ва хонандагон, яъне фаъолияти таълимдиҳӣ ва омӯзишро дар бар мегирад. Воситаҳои интерактивии омӯзиш соҳае мебошанд, ки дар он технология ва усулҳои таълим ба ҳам пайваста ва ҳамзамон инкишоф меёбанд. Фаъолияти муаллим ва хонандагон дар ягонагии зич сурат мегиранд, зеро омӯзонидан бидуни омӯзиш ва омӯзиш бе таълимдиҳӣ ба вуҷуд намеояд.

Имрӯз таълим барои ташаккули фаъолияти таълимии хонанда замина мегузорад, ҳавасмандии маърифатӣ ва шавқу завқи хонандагон, омодагӣ ва қобилияти ҳамкорӣ ва фаъолияти муштараки хонандаро бо омӯзгор ва ҳамсинфон таъмин менамояд, асосҳои рафтори ахлоқиро ташкил медиҳад, ки муносибати шахсиятро бо ҷамъият ва одамони гирду атроф муайян мекунад. Яке аз муҳимтарин воситаҳои педагогии раванди таълим шаклу усулҳои таълим мебошад. Одатан, усулҳои таълим гуфта ҳамон усулҳоеро мефаҳманд, ки дар онҳо таъсири мутақобилаи фаъолияти омӯзгор ва хонанда амалӣ карда мешавад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои таълимиву тарбиявӣ ва инкишофи раванди педагогӣ нигаронида шудааст. Ҳангоми интихоби усулҳои таълим дар хотир бояд дошт, ки ҳар як усул худ аз худ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, агар он ба фаъолсозии хонандагон ва ташвиқи онҳо ба тафаккури фаъол ва фаъолияти амалӣ мусоидат накунад. Яке аз талаботи асосӣ ба усулу шаклҳои таълим мувофиқат ба вазифаҳо ва мазмуни раванди таълиму тарбия мебошад. Усулҳои таълим самаранокии раванди таълимро бояд баланд бардоранд ва ба талаботи равиши системавӣ-фаъолиятӣ ҷавобгӯ бошанд.

Таҳсилоти умумии муосир барои ташаккули фаъолияти таълимии хонанда - системаи ангезаҳои таълимӣ ва маърифатӣ, қобилияти қабул, нигоҳдорӣ, амалӣ намудани ҳадафҳои таълимӣ, банақшагирӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои онҳо замина мегузорад. Маҳз таҳсилоти мактабӣ бояд ҳавасмандии маърифатӣ ва шавқу завқи хонандагон, омодагӣ ва қобилияти ҳамкорӣ ва фаъолияти муштараки таълимиро бо омӯзгор ва ҳамсинфон таъмин намуда, асосҳои рафтори ахлоқиро ташаккул диҳад, ки муносибати шахсро бо ҷомеа ва одамони гирду атроф муайян мекунад.

Вазъи таҳсилоти муосир ва тамоюлҳои рушди ҷомеа равишҳои мунтазами навро ба рушди муҳити таълимӣ тақозо мекунад. Воситаҳои интерактивии таълим захираҳои гуногуни таълимиро муттаҳид намуда, барои ташаккул ва зуҳури салоҳиятҳои асосӣ шароит фароҳам меоранд. Истифодаи салоҳиятнок ва мунтазами онҳо дар раванди ҳамкории таълимӣ имкон медиҳад, ки таълими ба талаба нигаронидашуда ба талабот ва қобилиятҳои инфиродии хонанда ҷавобгӯ бошад, ҳавасмандӣ ба омӯзиш баланд гардад ва сатҳи сифатан нави таълимро таъмин намояд.

К.Д.Ушинский гуфта буд, ки омӯзиш барои хонандагон бояд шавқовар бошад, аммо дар баробари ин, аз онҳо талаб кунад, ки вазифаҳои барояшон ҷолиброро дақиқ иҷро кунанд, ба ин ё он тараф майл накунанд, ба диққати ғайриихтиёрӣ дода нашаванд, диққати ихтиёририро машқ диҳанд, гарчанде кӯдак заиф бошад ҳам, метавонад ва бояд тавассути машқ инкишоф ёбад ва қувват гирад [4,с.102].

Дар мактабҳои муосир омӯзгорон аз техника ва усулҳои нави гузаронидани дарс бештар истифода мебаранд. Шакл ва усулҳои фаъоли таълим барои мактаббачагон, пеш аз ҳама, бозиҳо бо тамоми гуногунии худ мебошанд. Фаъолият низ бе муомила бо ҳамсолон, бе баҳсу мунозира, ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои муаммо имконнопазир аст.

Сохтори ҳамкории интерактивии педагогӣ инчунин асоси таснифи усулҳои фаъоли педагогӣ мебошад. Вобаста ба вазифаи пешбарии усули муайян дар ташкили амали мутақобилаи педагогӣ усулҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард: методҳои ба вуҷуд овардани шароити мусоид, ташкили муоширят; методҳои ташаккули фаъолияти фикрӣ; методҳои интегративӣ (истифодаи бозиҳои интерактивӣ) ва ғайра.

Барои самаранок истифода бурдани усулҳои интерактивӣ, аз ҷумла барои фаро гирифтани тамоми ҳаҷми зарурии мавод, кори худро бодиққат ба нақша гирифтан лозим аст: усулҳоеро истифода барем, ки ба синну соли хонандагон ва таҷрибаи онҳо дар кор бо усулҳои интерактивӣ мувофиқ бошанд; барои хонандагон машқҳои интерактивиро интихоб намоем, ки ба онҳо барои азхудкунии мавзуъ "калид" медиҳад; суръати кории ҳар як хонанда ва қобилияти ӯро ба назар бояд гирифт; дар як дарс ду ё се усули интерактивиро истифода бурдан мумкин аст [5,с.18].

Омӯзиши интерактивӣ дар муассисаи таълимӣ дар ҷалб намудани хонандагон ба раванди таълим мусоидат менамояд. Чунин омӯзиш ба мактаббачагон имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои навро ба даст меоранд, балки дараҷаи баланди донишандӯзиро дар худ инкишоф дода, ба шаклҳои олии ҳамкорӣ мегузаранд.

Ба масъалаи ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон аз ҷониби муҳаққиқон аз замони қадим то таҳқиқоти муосир диққати зиёд дода шудааст. Фаъолияти маърифатӣ яке аз сифатҳои аҳамияти иҷтимоии шахс буда, дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ дар мактаббачагон ташаккул меёбад. Омӯзиш ва азхудкунии мавод дар он сурат самараноктар мешавад, ки хонанда дар омӯхтани маводи нав фаъол бошад. Ин ҳодисаро дар назарияи педагогӣ принсипи фаъолиятнокӣ ва мустакилиятнокии хонандагон дар таълим меноманд.

Дастовардҳои маданияти инсониро азхудкунии хонанда ҳамеша характери фаъолро дар худ дорад: ӯ дар ин раванд пассив нест, яъне ба шароити муҳити "иҷтимоии" атроф мутобиқ намешавад, балки ҳамчун субъекти фаъоли он, дар худ ба вуҷуд овардани қобилиятҳои инсонӣ, аз ҷумла, фаъолияти маърифатӣ баромад мекунад.

Мафҳуми "фаъолияти маърифатӣ" бо баррасии фаъолиятҳое алоқаманд аст, ки дар он толибилмон ҳангоми дарки муҳити иҳотакарда фаъолона кӯшиш мекунанд, ки мустақилиятнокӣ, ташаббускорӣ, ирода ва амалҳои худро барои ба даст овардани натиҷаи мусбӣ нишон диҳанд. Ташаккули хислатҳои рафтор дар ҷомеа тавассути азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ба амал меояд. Н.Ф.Тализина дар ин бора чунин навиштааст: "Одам бо тафаккури тайёри мантиқӣ, бо дониши тайёр дар бораи олами атроф таваллуд намешавад. Ҳамаи инро ӯ дар ҷараёни ҳаёт меомӯзад". Ин изҳоротро метавон ба фаъолияти маърифатӣ низ татбиқ кард. Н.Ф.Тализина фаъолияти маърифатиро ҳамчун хислати шахсияте, ки бояд ташаккул ёбад, муайян намуда, барои ин метод ва воситаҳои гуногуни амалиро истифода мебарад. Дар ҳама мафҳумҳои фаъолияти маърифатӣ, ки зикр шудаанд, ба сатҳи ҳавасмандии хонанда ва сифатҳои шахсии ӯ, ки дар шароити муайян ташаккул меёбанд, диққати махсус дода мешавад. Шавқу рағбати маърифатӣ дорои қудрати бузурги ҳавасмандкунанда аст: он касро водор мекунад, ки барои дониш фаъолона кӯшиш кунад, роҳҳо ва воситаҳои қонеъ кардани ташнагии донишро, ки дар ӯ пайдо мешавад, фаъолона ҷустуҷӯ кунад [12,с.34].

Бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо метавонем намудҳои зерини фаъолияти маърифатиро ҷудо кунем:

- фаъолияти эҳсосӣ-тақлидӣ (дар асоси таассурот);
- фаъолияти ҷустуҷӯӣ (дар асоси кунҷковӣ);
- фаъолияти эҷодӣ (дар асоси аҳамияти иҷтимоии тадқиқот).

Дар раванди педагогӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатӣ яке аз роҳҳои муҳим – ин интихоб намудани маводе мебошад, ки ба талаботи имрӯзаи таҳсилот мувофиқат мекунад. Дар натиҷа мо мебинем, ки дастрасӣ ва навоварӣ омӯзиш дар мактабро як раванди ҷолибе мегардонад, ки метавонад дар хонандагон эҳсосоти мусбати зиёдеро ба вуҷуд оварад.

Ҳамин тавр, моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти маърифатиро дар хонандагон ошкор намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки фаъолияти маърифатӣ як раванди мураккаби психологии ташаккули шахсияти фард буда, бояд аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак ташаккул ёбад. Шавқу рағбати маърифатии хонанда унсури зарурии таълими бомуваффақият ва самаранок дар мактаб буда, ба функсияҳои равонии инсон (хотира, тафаккур, таваҷҷуҳ) асос ёфта, динамикаи инкишоф ва марҳилаҳои ташаккули худро дорад.

Омӯзгор ҳолати ибтидоии хонандаро муайян намуда, бояд минбаъд дар зинаи инкишофи фаъолияти маърифатӣ ӯро пеш барад. Бо ин мақсад дар дарс ва машғулиятхои беруназсинфӣ бо мақсади мусоидат намудан ба ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон аз методу намудҳои маводи дидактикӣ истифода бурда мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Ананьев, Б.Г. Человек как предмет познания Текст. / Б.Г. Ананьев. СПб.: Питер, 2001.-288 с.
2. Актуальные вопросы формирования интереса в обучении. Учебное пособие / Амонашвили Ш.А. Единство цели. - М.: Просвещение,1987. - 208 с.
3. Бабанский, Ю.К. О дидактических основах повышения эффективности обучения Текст. / Ю.К. Бабанский // Народное образование. 1986. -№ 11.-с.105-111.
4. Бабанский, Ю.К. Методы обучения в современной общеобразовательной школе/Ю.К. Бабанский.-Москва: Просвещение. - 1985. - 208 с.

5. Даудова, Д.М.Интерактивные методы обучения в системе профессиональной подготовки будущих специалистов в педагогическом вузе/Д.М.Даудова, П.Г.Гасанова// Мир науки, культуры, образования. – 2018. №2 (69), С. 18-20.
6. Использование интерактивных методов на уроках - http://nsportal.ru/shkola/materialy-metodicheskikh-obedinenii/library/interaktivnye-metody-v-prepodavanii-istorii-i-obs
7. Корнеева, Е. Н. Активные методы социально-психологического обучения: / Е.Н.Корнеева //Учебное пособие. – Ярославль: ЯГПУ, 2009.
8. Макаров, С.П. «Технология интерактивного обучения»/С.П.Макаров//Педагогический вестник. – 1994.
9. Мастер-класс Дмитриевой Е. А. «Активные методы в обучении».2002.
10. Рахимов, Б. Дар бораи таълиму тарбия/Б.Рахимов, А.С.Макаренко.– Душанбе, 1991, 248 с.
11. Селевко, Г.К. Энциклопедия образовательных технологий: В 2 т. т.1.М.: НИИ школьных технологий, 2006.
12. Талызина, Н.Ф. Формирование познавательной деятельности учащихся Текст. / Н.Ф. Талызина. М.: Знание, 1983. - 112 с.
13. Ушинский, К.Д. О народности в общественном воспитании. Собр. соч.Т.2. – М: 1948.166 с.
14. Шевченко, Н.А. Интерактивные формы обучения как средство развития личности школьника Текст. / Н.А. Шевченко // Учитель. 2004. - №5. -с.12-17.
15. Щукина, Г. И. Проблема познавательного интереса в педагогике/Г.И.Щукина.-М.: Педагогика, 1984, 176 с.
16. Юлдашев, З. Ю. Инновационные методы обучения: особенности кейс стадии метода обучения и пути его практического использования [Текст]/З.Ю.юлдашева.–Ташкент:2006. – 88с.

**REFERENCES:**

1. Ananyev, B.G. Man as an object of knowledge / B.G. Ananyev. SPb.: Piter, 2001.-288 p.
2. Actual issues of forming interest in learning. Study guide / Amonashvili Sh.A. Unity of purpose. - M.: Enlightenment, 1987. - 208 p.
3. Babansky Yu.K. On the didactic foundations of increasing the effectiveness of learning Text. / Yu.K. Babansky // Public education. 1986. - № 11.-pp. 105-111.
4. Babansky Yu.K. Teaching methods in a modern comprehensive school / Yu.K. Babansky. - M.: Enlightenment. - 1985. - 208 p.
5. Daudova D. M., Gasanova P. G. Interactive teaching methods in the system of professional training of future specialists in a pedagogical university / The world of science, culture, education. - 2018. No. 2 (69), pp. 18-20.
6. Using interactive methods in lessons - http://nsportal.ru/shkola/materialy-metodicheskikh-obedinenii/library/interaktivnye-metody-v-prepodavanii-istorii-i-obs
7. Korneeva E. N. Active methods of social and psychological training: A tutorial. - Yaroslavl: Yaroslavl State Pedagogical University, 2009.
8. Makarov S. P. "Technology of interactive learning" // Pedagogical Bulletin. - 1994.
9. Master class by Dmitrieva E. A. "Active methods in teaching". 2002.
10. Rakhimov, B. Makarenko A.S. On the education and upbringing. - Dushanbe, 1991.-248 p.
11. Selevko G.K. Encyclopedia of educational technologies: In 2 volumes. Volume 1. - M.: Research Institute of School Technologies, 2006.
12. Talyzina N.F. Formation of students' cognitive activity Text. / N.F. Talyzina. - M.: Knowledge, 1983. - 112 p.
13. Ushinsky K.D. On nationality in public education. Collected works. Volume 2. – M.: 1948.-166 p.
14. Shevchenko, N.A. Interactive forms of teaching as a means of developing a student's personality Text. / N.A. Shevchenko // Teacher. 2004. - No. 5. - p.12-17.
15. Shchukina G. I. The problem of cognitive interest in pedagogy. - M.: Pedagogy, 1984.- 176 p.
16. Yuldashev Z. Yu. Innovative teaching methods: features of the case stage of the teaching method and ways of its practical use. - Tashkent: 2006. - 88 p.